**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «6» январи соли 2022 № 8/ӣи ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 3 қарори Раёсати КОА аз 29 апрели соли 2021, протоколи №4,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15.09.2021, №7 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Эшонқулов Алишер Алигулович аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Оиди ҳалшавандагии баъзе синфҳои операторҳои интегралии сингулярии дученака бо ғеҷиш» аз рӯйи ихтисоси 01.01.01–Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ бинобар риоя нашудани талаботи бандҳои 38, 46, 73-и «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва банди 38-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Эшонқулов Алишер Алигулович рад карда шавад.
3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Эшонқулов Алишер Алигулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика тибқи муқаррарот иҷозат дода шавад.
4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон огоҳонида шавад.
5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: Хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ–математикӣ ва техникии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раис [signature] А. Розиқзода